ТДУ 891.550: 002 (575.3)

*Ба ҳукми дастнавис*

ҚОДИРОВА ДИЛНОЗА ЛУТФУЛЛОЕВНА

# НАҚШИ МАҶАЛЛАИ “САДОИ ШАРҚ” ДАР НАҚДИ АДАБИИ ТОҶИКИИ СОЛҲОИ 70-90-И САДАИ XX

**Ихтисоси 10. 01. 01 – Адабиёти тоҷик**

## АВТОРЕФЕРАТИ

**диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология**

**Душанбе - 2019**

Диссертасия дар кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ анҷом дода шудааст.

**Роҳбари илмӣ** — **Муллоев Абдусамад**
доктори илмҳои филология,
профессор

**Муқарризони расмӣ** — **Мисбоҳиддини Нарзиқул**
доктори илмҳои филология, мудири кафедраи таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Одинаев Нурмаҳмад Сафарович**
номзади илмҳои филология,
мудири кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

**Муассисаи тақриздиҳанда** — **Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода**

Ҳимояи диссертатсия "12" 09 соли 2019 соати 13.00 дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D . КОА - 028 назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, хиёбони Рӯдакӣ 121 баргузор мегардад.

Бо матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаи ДДОТ ба номи С. Айнӣ www. tgpu.tj. шинос шудан мумкин аст.

Автореферат "___"_______ соли 2019 ирсол шудааст.

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филология,
дотсент **Мирзоалиева А. Ш.**

# Тавсифи умумии таҳқиқот

**Аҳамияти мавзӯи таҳқиқот**. Дигаргуниҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангие, ки дар солҳои ҳафтоду ҳаштод ва навадуми садаи XX дар ҷомеаи Шӯравӣ, аз ҷумла Тоҷикистон рух дод, ба ҳаёти адабӣ низ бетаъсир набуд. Бахусус, баъди нашри қарори ҳизби коммунист «Дар бораи танқиди адабию бадеӣ» дурнамои инкишофи афкори адабиву зебоишиносӣ ба мушоҳида мерасид, ки ба ҷараёни ташаккул ва таҳаввули накди адабӣ бетаъсир набуд. Баъди нашри қарори зикршуда ва баҳсу мунозираҳои матбуотӣ дар атрофи он, таваҷҷуҳи аҳли адаб, аз ҷумла мунаққидон ба арзёбии масъалаҳои назарӣ, амалӣ ва зебоишиносии адабиёт бештар гардид. Ин ҷараён то ҷое барои дарки тозаи ҳодисаҳои ҷараёни адабӣ, шинохти ҳунари асил ва арзёбии воқеъбинонаи эҷодиёти шоиру нависандагон ва мунаққидон шароит ба вуҷуд овард, ки як андоза ба пешрафти накду наққодӣ мусоидат ҳам кард. Дар ташаккул ва таҳаввули накди адабӣ дар ин давра, бешак нақши маҷаллаи «Садои Шарқ» чашмрас аст. Маҷалла на танҳо воқеияти ҳаёти адабиро инъикос кардааст, балки бо нашри маводи танқидӣ ба ҷараёни инкишофи адабиёт, аз ҷумла накди адабӣ низ таъсир гузоштааст. Таҳқиқ ва арзёбии ин масъала имкон медиҳад, ки дар заминаи маводи мушаххаси адабию танқидӣ равишҳои асосии назарӣ ва амалии накди адабии он давра ва ҳусну қубҳи он муайян карда шавад.

Воқеияти ҳаёти адабӣ дар солҳои мавриди назар гоҳо ба ҳам мувофиқат накардани равишҳои инкишофи адабиёти тоҷик ва накди адабиро тасдиқ мекунад, ки ба омилҳои дохиливу берунӣ ва қонуниятҳои тараққиёти дохилии адабиёт алоқаманд мебошад. Аз ин ҷиҳат омӯзиш ва арзёбии маводе, ки дар ин замина дар маҷаллаи «Садои Шарқ» чоп шудаанд, имкон фароҳам меоварад, ки равишҳо ва ҷараёнҳои инкишофи накди адабӣ бо дарназардошти воқеияти ҳаёти адабӣ арзёбӣ ва муайян карда шавад. Муайян ва мушаххас намудани ин масъала бо тадқиқоти рисолавӣ таъкид бар аҳамияти мавзӯъ дорад. Ҳамчунин, омӯзиши ин мавзӯъ барои муайян намудани ҷустуҷӯҳои илмии мунаққидон, алоқамандии накд бо афкори иҷтимоиву фарҳангӣ, ҳунарӣ ва ҳаёти ҷамъиятиву адабии ин давра мусоидат мекунад, ки низ бар аҳамият ва арзишмандии мавзӯи тадқиқот далел аст.

**Таърихи таҳқиқи мавзӯъ**. Мавзӯи мазкур ба таври алоҳида мавриди тадқиқ қарор нагирифтааст. Вале дар баъзе китобҳои таърихи адабиёт, рисолаҳои илмӣ ва мақолаҳову тақризҳо доир ба маводи интиқодие, ки дар маҷаллаи «Садои Шарқ» дар солҳои мавриди назар чоп шудаанд, баъзе мулоҳизаҳо баён шудаанд. Инчунин, дар мақолаҳои Х. Мирзозода «Назаре ба мақолаҳои танқидӣ ва илмӣ-тадқиқотии журнали «Шарқи сурх», С. Табаров «Дар бораи вазъият ва вазифаҳои танқиди адабии адабиёти ҳозираи тоҷик» ва М. Турсунзода «Танқиди адабӣ омили пешравии мост» аввалин бор маводи танқидие, ки то ибтидои солҳои панҷоҳ дар маҷалла чоп шудааст, ба таври мухтасар арзёбӣ гардидааст.

Аз ибтидои солҳои ҳафтодум сар карда, маводи интиқодие, ки дар маҷаллаи «Садои Шарқ» чоп шудааст, аҳён-аҳён мавриди таваҷҷуҳи аҳли таҳқиқ қарор доштааст. Дар ин замина метавон аз мақолаҳои А. Сатторов «Нуқсу камоли танқид», «Дархостҳои танқидӣ», М. Шукуров «Илми танқид ва санъати мунаққид», «Танқид қувваи фаъол аст», «Гавҳариёни сухан бошем», «Барои танқиди объективӣ», «Аз паси дарёфти фаҳмиши нав», Худоӣ Шарифов «Нақд ва наққодӣ дар Тоҷикистон», А. Сайфуллоев «Танқиди адабӣ дар мубориза барои идеалҳои коммунизм», «Танқид ва адабиёти имрӯз”, Р. Ҳодизода «Танқиди адабӣ ва масъалаҳои бадеияти адабиёт», Ю. Акбаров «Вазифаи муқаддаси танқид», А. Ҳакимов, «Танқид ва ҷараёни адабӣ», «Масъалаҳои адабиёт масъалаҳои танқиданд», Ҷ. Бақозода, «Танқид ва масъалаҳои адабиёт», А. Набиев «Андешаҳои моҳиятҷӯ», М. Муллоҷонов «Хонанда, китоб, нависанда», Х. Отахонова «Мавқеи танқиди адабӣ дар инкишофи адабиёт» ва ғайра ёд кард, ки дар онҳо вобаста ба мавзӯъ баъзе маводи дар маҷаллаи «Садои Шарқ» чопшуда, нақд ва арзёбӣ шудаанд.

Ҳамчунин, дар суҳбати мизи мудаввар, ки таҳти унвони «Масъалаҳои насри муосир» маҷаллаи «Садои Шарқ» доир карда буд, баъзе иштирокдорон доир ба саҳми маҷалла дар муҳокимаи масъалаҳои нақди наср ва равишҳои он сухан кардаанд, ки дар мавридаш онҳоро арзёбӣ хоҳем кард. Дар рисолаи тадқиқотии Ҷ. Ҳамроев «Нақди адабии тоҷик дар солҳои 60-80 асри ХХ» баъзе масъалаҳои таърихи инкишофи нақди адабии тоҷик таҳлил ва арзёбӣ шуда, дар зимни

мубоҳисаҳо ба маводи танқидии дар маҷаллаи «Садои Шарқ» чопшуда низ ишора шудааст.

Мурур ба таърихи омӯзиши мавзӯъ собит месозад, ки мавзӯи мавриди назари мо ба таври лозим тадқиқ ва арзёбӣ нашудааст. Он чи анҷом гирифтааст, таҷрибаи аввал ва маҳдуд буда, баъзеи он фақат ҳамчун таҷрибаи тадқиқ аҳамият дорад. Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки таълифоти то ин замон дар ин замина анҷомгирифта тарзу тариқ, хусусиятҳо ва равиши ҷомеи нақди адабиро дар мабнои маводе, ки маҷалла нашр кардааст, фаро намегирад. Ин ҳолат зарурати тадқиқи ҷомеи нақши маҷаллаи «Садои Шарқ»-ро дар инъикоси масъалаҳои муҳими нақди адабии як давраи мушаххас ба миён мегузорад.

**Ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ**. Дар ин тадқиқот вазъи нақди адабӣ дар солҳои 70 ва 90-и садаи XX дар заминаи маводе, ки дар маҷаллаи «Садои Шарқ» чоп шудаанд, баррасӣ гардид. Бинобар ин, ҳадафи аслӣ муайян кардани нақши маҷалла дар ташаккул ва таҳаввули нақди адабии тоҷик мебошад, ки бо назардошти дастовардҳои навини афкори таърихиву адабии муосир анҷом гирифт. Аз ин ваҷҳ, барои ба ҳадафҳои асосӣ расидан ба ҳалли масъалаҳои зерин диққат дода шуд.

1. Таҳқиқ ва арзёбии масъалаҳои назарӣ ва худогоҳии нақди адабӣ дар заминаи маводе, ки дар маҷаллаи «Садои Шарқ» дар давоми солҳои 70 ва 90 чоп шудаанд.
2. Ошкор сохтани нақши сиёсати адабии мусбат ва манфӣ дар равишҳои инкишофи нақд.
3. Муайян намудани жанрҳои нақди адабӣ ва усулҳои арзёбии осори адабӣ.
4. Таҳлил ва арзёбии масъалаҳои нақди нақд, моҳияти ҳунарии он ва мавқеи чеҳраҳои адабӣ.
5. Арзёбии нақди шеър, равишҳои мавзӯӣ, ғоявию иҷтимоӣ, нақди жанрҳо ва балоғати тасвир дар осори интиқодӣ.
6. Таҳқиқи равишҳои мусбат ва манфии нақди наср, тамоюлҳои мавзӯиву ғоявӣ ва иҷтимоӣ дар он.
7. Баррасии масъалаҳои қаҳрамони осори насрӣ, хусусиятҳои бадеӣ, сабк ва сохтори жанрии нақди адабӣ.

**Равиши таҳқиқ ва асосҳои назарии он.** Методологияи тадқиқот бо усулҳои таърихиву муқоисавӣ, таърихиву адабӣ, татбиқӣ, оморӣ ва дастурҳои назарии муҳаққиқони таърихи адабиёт ва назарияи он М. М. Бахтин, Л. Тимофеев, М. Храпченко, М.

Шакурӣ, С. Табаров, А. Сайфуллоев, Х. Шарифов, А. Сатторзода, А. Ҳаким, Ю. Акбаров ва дигарон асос ёфтааст.

**Навгонии илмии таҳқиқ** аз он иборат аст, ки бори аввал масъалаи нақши маҷаллаи «Садои Шарқ» дар ташаккул ва таҳаввули нақди адабии тоҷикии солҳои 70 ва 90-уми садаи XX мавриди тадқиқ ва арзёбӣ қарор мегирад. Дараҷа ва савияи имрӯзаи дарки ин масъала водор намуд, ки механизми ҳалли масъалаҳои мавриди тадқиқро бо назардошти дастовардҳои навини афкори таърихиву адабӣ дар алоқамандӣ бо ҷараёни инкишофи адабиёти имрӯз, аз ҷумла нақди адабӣ, таҳлилу арзёбӣ кунем ва мушаххасоти онро муайян намоем.

Дар диссертатсия бори аввал ин мавзӯъ тадқиқ шуда, дар замина хусусиятҳои хоси ташаккул ва таҳаввули нақди адабӣ дар давраи мавриди назар муайян карда шуд. Муаллиф бори аввал дар заминаи маводи интиқодие, ки дар солҳои 70-90-уми садаи гузашта дар маҷаллаи «Садои Шарқ» чоп шудааст, масъалаҳои умумии назарии нақди адабии тоҷик дар ҳудуди давраи мушаххас, масъалаҳои худогоҳии нақд, нақди назму наср, жанрҳо ва сабки онро таҳлилу баррасӣ намуд, ки навии илмии тадқиқотро муайян менамояд.

**Арзишҳои назарии таҳқиқ** дар қотеият, асоснокии илмӣ ва дарки хусусиятҳои хоси инкишофи нақди адабӣ зоҳир мешавад. Ба ин далел, осори танқидии дар давоми солҳои мавриди назар дар маҷалла нашршуда таҳлил ва арзёбӣ шуда, қонуниятҳои назарӣ ва амалии масъалаҳои дар миёнбуда, муайян ва мушаххас карда шуд. Бинобар ин, тадқиқоти дар ин замина анҷомгирифта донишҳои назариро оид ба нақди адабӣ ва равиши инкишофи он такмил мебахшад.

**Сарчашмаҳо ва маводи таҳқиқ**. Сарчашма ва маводи таҳқиқот дар диссертатсия мақолаҳо, гузоришҳо, мусоҳибаҳо ва тақризҳои дар давоми солҳои ҳафтоду навад дар маҷаллаи «Садои Шарқ» чоп шудаи танқидӣ-адабӣ, суханрониҳои адибон дар анҷуманҳову ҷамъомадҳо, маводи суҳбатҳои мизи мудаввар, маҷмӯаҳои дастҷамъӣ ва алоҳидаи мунаққидон ва қарорҳои дахлдори соҳавӣ мебошанд.

**Арзишҳои амалии таҳқиқ**. Мавод ва натиҷаҳои пажӯҳишро метавон ҳангоми таълифи таърихи нақди адабии тоҷик, таърихи адабиёти навини тоҷик, навиштан ва мураттаб сохтани китобҳои дарсӣ ва васоити таълимӣ аз таърихи нақду адабиёти тоҷик, суханрониҳо аз боби масъалаҳои назарӣ ва

амалии нақди адабӣ дар мактабҳои умумӣ ва олӣ, ҳамчунин чун асосҳои назарӣ барои таълифи таърихи ҷомеи адабиёти навини тоҷик истифода кард.

**Нуктаҳои асосие, ки ба дифоъ пешниҳод мешаванд:**

1. Вазъи сиёсӣ ва адабиву иҷтимоии солҳои ҳафтод ва навадум хусусиятҳои асосии раванди инкишоф ва бурду бохти нақди адабиро дар ин давра муайян мекунад. Қарори ҳизби коммунист "Дар бораи танқиди адабию бадеӣ" ва нақши он дар пайдоиши тамоюлҳои мусбат дар нақди адабӣ мебошад.

2. Маҷаллаи «Садои Шарқ» дар давраи мавриди назар барои ташаккул ва таҳаввули нақди адабӣ, равишҳои солиму судманди он саҳми арзишманд гузошта, як силсила чорабиниҳоеро анҷом додааст, ки то ҷое шароитро барои рушди афкори солим ва холисонаи ҳунариву зебоишиносӣ фароҳам оварда, ба пешрафти ин соҳа мусоидат намудааст.

3. Интихоб ва нашри маводи танқидӣ мавқеи маҷалларо дар ҳифзи арзишҳои касбии нақди адабӣ собит мекунад. Дар ин замина мавқеияти зебоишиносии маҷалла дар ҷойи аввал буда, ҷараёни дарки махсусиятҳо ва навҷӯиҳои нақди адабӣ дар шинохт ва арзёбии осори бадеӣ муҳим ба назар мерасад.

4. Масъалаҳои ба таври ҷомеъ таҳқиқнашудаи таърихи нақди адабӣ, аз ҷумла дар давраи мавриди назар зиёданд, ки дар ин радиф метавон аз сиёсати давлати вақт дар тарҳрезиҳои сиёсати адабӣ ёд кард.

5. Дар бисёр ҳолатҳо ҳамин сиёсат равишҳои инкишофи нақдро муайян кардааст, ки доираҳои расмии илмиву адабӣ тарафдор ва амаликунандаи он буданд. Ин тамоюл, мутаассифона барои нақди адабии ин солҳо зиёнбор ҳам будааст.

6. Бовуҷуди монеаҳои мавҷуд нақди адабӣ дар ин давра пеш рафт, бо шохаҳои мустақили нақди шеър, нақди наср, нақди нақд (худогоҳии нақд), нақди махсуси тарҷума ва адабиёти наврасону ҷавонон (бачагона) ҷудо шуд.

**Апробатсия**. Диссертатсия дар ҷаласаи якҷояи кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷики ДДОТ ба номи С. Айнӣ № 6, аз 02 январи соли 2019 муҳокима ва ба ҳимоя тавсия шудааст. Натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ дар шакли панҷ мақолаи тақризшавандаи шомили феҳристи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор ёфтааст.

Сохтори диссертатсияаз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

# Муҳтавои асосии таҳқиқот

Дар **муқаддима** зарурати таҳқиқ ва моҳияти мавзӯъ асоснок ва ҳадафу вазифаҳои таҳқиқот муайян карда шудааст. Ҳамчунин, методи таҳқиқ тавсиф шуда, арзиши назарӣ ва амалии он мушаххас ва дараҷаи таҳқиқи масъала муайян гардидааст.

Боби аввали диссертатсия **“Масъалаҳои назарӣ ва равишҳои нақди адабӣ дар маҷаллаи «Садои Шарқ»** номида шуда, се фаслро дар бар мегирад. Дар фасли аввал, ки **“Сиёсати адабӣ ва равишҳои инкишофи нақди адабӣ”** унвон гирифтааст, дар заминаи маводи дар маҷалла чопшуда моҳияти сиёсати адабии замони Шуравӣ ва таъсири он ба раванди инкишофи нақди адабӣ арзёбӣ шудааст. Бо таҳлили қиёсии ҷомеъ собит шудааст, ки сиёсати адабиро дар замони Шӯравӣ қарорҳои Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунисти Иттиҳоди Шӯравӣ, нишондодҳои анҷуманҳо (съездҳо)-и ҳизб ва дар ин замина дастуру супоришҳои Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон муайян мекард. Ба ин далел, маҷалла дар вақти арзёбии эҷодиёти адибон нишондодҳои хизби коммунистро, ки аз тариқи қарорҳои анҷуманҳо ва ҳуҷҷатҳои дигар интишор меёфт, дастгирӣ ва амалӣ мекард. Дар диссертатсия ин масъалаҳо ҳаматарафа таҳлил ва арзёбӣ шудаанд.

Фасли дуюми ин боби рисола ба таҳқиқи масъалаи **“Жанрҳои нақди адабӣ ва махсусияти таҳлили онҳо”** ихтисос ёфтааст. Дар ин фасли диссертатсия хусусиятҳои жанри мақола ва чеҳраи адабӣ дар мабнои воқеиятҳои адабии ин давра таҳлил ва арзёбӣ шуда, аз ҷумла собит шудааст, ки яке аз хусусиятҳои муҳими мундариҷавии мақолаҳо ва чеҳраҳои адабӣ, ки дар маҷалла чоп шудаанд, иборат аз он аст, ки муаллифон дар вақти таҳлил ва арзёбии асарҳо, пеш аз ҳама, ба мавзӯи асар таваҷҷуҳ кардаанд. Ин ҳодиса ба он вобаста аст, ки дар адабиёти шӯравӣ интихоби мавзӯъ як навъ пешакӣ мавқеи сиёсиву иҷтимоии муаллифро муайян мекард. Масалан, Раҷаб Амонов дар мақолааш, ки ба таҳлили романи «Духтари оташ»-и Ҷалол Икромӣ бахшида шудааст, суханро аз боби нақш ва ҷойгоҳи мавзӯи асар дар адабиёти тоҷик оғоз карда, аз ҳамин мавқеъ асари нависандаро таҳлил мекунад, ки дар он нақди мавзӯӣ имтиёзи хос дорад. Ҳангоми таҳлили сохтори асар низ дар мақолаи зикршуда аҳамияти мавзӯъ таъкид карда мешавад. Муаллиф хусусиятҳои сохтории асар, аз ҷумла

инкишофи сужет ва ташаккули мантиқии хислати шахсиятҳои асари Ҷ. Икромиро ба эътибор нагирифта, нависандаро ба инъикоси вулгаронаи воқеият даъват мекунад, ки аз равиши инкишофи адабиёти асил бегона буда, маҷалла бо нашри чунин мақолаҳо ин равишро ба таври густурда дастгирӣ ва инъикос кардааст (1, 111-122).

Дар мақолаҳое, ки дар ин замина чоп шудаанд, таҳлилу арзёбии мавзӯи асар дар ду самт ҷараён гирифтааст: а) таҳлили воқеаҳо дар қисмати муқаддимавӣ, ки дар баррасии воқеаҳои асосии асар ҳамчун замина хидмат мекунанд; б) таҳлили мавзӯи асар бо майл ба суйи ҷанбаи мундариҷавии он, ки қисмати асосиро ташкил медиҳанд. Мутаассифона, дар ҳарду самт таъсири манфии ҷараёни «ҳақиқатмонандӣ» (правдоподобия) ва «натурализм», ки дар афкори адабии замони Шӯравӣ нуфуз дошт, дар мақолаҳо равшан ба назар мерасад. Дар диссертатсия мақолаҳое, ки ин ду равишро инъикос кардаанд, дар мисоли таълифоти Р. Амонов, М. Шукуров, С. Табаров, А. Сайфуллоев, А. Сатторов, Ҷ. Бақозода ва дигарон ба таври муфассал таҳлил ва арзёбӣ шудаанд.

Тақвияти таҳлили таҳқиқиро, ки аз хусусияти хоси жанри мақола аст, М. Шукуров ба он алоқаманд мекунад, ки аз солҳои шастум сар карда нависандагони тоҷик ба тасвири воқеоти муқаррарии рӯзмарраи ҳаёт даст заданд. Ин ҳодиса асосҳои илмӣ ва тадқиқии наср, аз ҷумла мақоларо пурқувват намуда, тарзҳои нави тасвири психологиро ба вуҷуд овард. Дар мақолаҳои ин донишманд хусусиятҳои мавзӯъ тарзҳои махсуси тасвири бадеиро падид овардаанд, аммо муаллиф бар он аст, ки тасвири воқеаҳои муқаррарии ҳаёт худ ба худ омили мундариҷаи амиқ нест. Ба андешаи ӯ «дар асоси рӯйдодҳои одиву муқаррарӣ, ки дар назари аввал ҳеҷ ҷолиби диққат нестанд, ба вуҷуд овардани ҷамъбастҳои ҷиддии бадеӣ бисёр душвориҳо дорад ва ҳамеша муяссар намешавад. Инҷо махсусан назари тезу дақиқсанҷ ва чашмандози васеъ, истеъдод ва таҷриба лозим аст. Таҳқиқи батаании ҳамаҷониба бояд аз аввал то охир ба мақсади муайяни ғоявию эстетикӣ тобеъ гардида қадам ба қадам дар роҳи падид овардани маънои бузурги ботинии ҳодисаҳо корбаст шуда бошад. Фақат тадқиқи фаъолонаи бамуддао, ки онро фикри даррок ва назариёти пешқадами санъаткор ба сӯи кашфи ҳақиқати ҳаёт равона кардааст, ҷамъбастҳои мукаммалеро ба ҳосил оварда

метавонад». Дар ин равиш муҳаққиқ ба повестҳои М. Хоҷаев «Дилро ба дил раҳест» ва М. Бобоҷон «Шаби охирин» эрод мегирад ва онҳоро дур аз «усули таҳлилу тасвир» медонад (14, 129 - 141).

Ба андешаи М. Шукуров, Ҷ. Бақозода ва А. Набиев нависанда ҳамчун муҳаққиқи бадеӣ чеҳра намуда, самараи фаъолияти ӯ аз ин вобаста аст, ки кадом андоза ба аъмоқи ҳодисаҳо назар карда, мушкилоти воқеияти зиндагиро дарк ва ба тасвири бадеии он комёб шудааст.

Жанри дигаре, ки дар диссертатсия таҳлил ва арзёбӣ шудааст, чеҳраи адабӣ мебошад. Дар маҷаллаи чопшуда баъзе хусусиятҳои жанрии чеҳраи адабӣ тадқиқ шуда, бурду бохти он нишон дода шудааст. Ин жанр симои адабӣ низ номида шуда, дар он сухан аз шахсияти инсонӣ ва ҳайсияти ҳунарии шоиру нависанда меравад. Дар саҳифаҳои маҷаллаи «Садои Шарқ» мо бо чеҳраҳои адабии Мирзо Турсунзода, Муҳаммадҷон Раҳимӣ, Мирсаид Миршакар, Абдусалом Деҳотӣ, Сотим Улуғзода, Раҳим Ҷалил ва дигарон дучор мешавем, ки ба қалами Раҳим Ҳошим, Носирҷон Маъсумӣ, Холиқ Мирзозода, Атахон Сайфуллоев, Соҳиб Табаров, Муҳаммадҷон Шукуров нигошта шудаанд. Дар ин миён чеҳраҳои адабие, ки Раҳим Ҳошим оид ба ҳаёт ва эҷодиёти Айнӣ, Лоҳутӣ, Пайрав ва дигарҳо навиштааст, ҷойгоҳи хос доранд.

Яке аз чунин чеҳраҳои адабии Раҳим Ҳошим офарида «Дар мактаби устод Айнӣ» ном дошта, бо забони нафису равон, мушоҳидаҳои ҷолиб ва шинохти хоси шахсияти инсонӣ ва ҳайсияти ҳунарии Айнӣ фарқ мекунад. Раҳим Ҳошим дар ду фасли аввали ин асар чеҳраи ҳақиқӣ ва инсонии устод Айниро таҷассум намуда, ӯро «марди интизом ва интизомдӯст» инъикос мекунад. Муаллиф бо такя бар ёдвораҳояш фазилатҳои инсонӣ ва ҳунарии Айниро ба хонанда ошкор сохта, дар бораи низоми кору зисти ӯ маълумоти дақиқ меоварад. Айнӣ дар тасвири Раҳим Ҳошим марди покиза ва покизакор буда, аксари асарҳояшро аввал дар қоғази камбари дароз, баъд дар дафтари мактабӣ менавиштааст. Муаллиф таъкид мекунад, ки Айнӣ заковати баланд, қобилият ва истеъдоди хуби модарзод, шавқ барои омӯхтани чизҳо, чӣ аз ҳаёт ва чӣ аз китоб, як ҳисси пурошӯби навҷӯёна дошта, сифатҳои олии инсонии «беғаразӣ, вазифашиносӣ, садоқати фидокорона ба халқ ва ба маданияти худ» чеҳраи ӯро ҳамчун

инсони шариф, ҳунарманди масъулиятшинос пеши назар меорад. Ҳамин гуна чеҳраҳои адабии дигари Раҳим Ҳошим «Сарояндаи ишқу озодӣ», «Ёдат ба хайр, Пайрав!», «Ҳабиб Юсуфӣ», «Ду бародар» ва ғайра, ки дар бораи Лоҳутӣ, Пайрав, Ҳабиб Юсуфӣ ва бародарон Абдусалом Деҳотиву Абдушукур Пирмуҳаммадзода эҷод шудаанд, беҳтарин намунаи ин жанр дар шинохт ва арзёбии шахсияти инсонӣ ва ҳайсияти ҳунарии фидоиёни адабиёти тоҷик мебошанд.

Маҷаллаи "Садои Шарқ" минбаъд ин анъанаро идома дода, як силсила чеҳраҳои адабиро чоп кард, ки эҷодҳои М. Шукуров, А. Набавӣ, С. Табаров аз ин ҷумлаанд.

Солҳои ҳаштодум ва баъди он дар нақди адабии тоҷикӣ тарзи нисбатан озоди чеҳранигорӣ арзи ҳастӣ кард. Ин тарзи нигориш гоҳо хеле шоирона буда, оҳанги публитсистӣ низ дар он нуфуз дорад. Ин сабк риояти қатъии истифодаи истилоҳот ва категорияи илмиро зарур мешуморад. Дар рисола чеҳраҳои адабии дар ин равиш навиштаи Аскар Ҳакимов дар бораи Аминҷон Шукӯҳӣ, Раҳим Ҷалил ва Муъмин Қаноат муфассал таҳлил шудаанд,

Инчунин, дар диссертатсия чеҳраҳои адабии таълифкардаи А. Сайфуллоев, Ю. Акбаров, Р. Ҳодизода ва А. Абдураҳмонов доир ба лаҳзаҳои ҳаёт ва эҷодиёти А. Баҳорӣ, Қутбӣ Киром, Саидалӣ Маъмур, Фотеҳ Ниёзӣ ва Ҷалол Икромӣ нақд ва арзёбӣ шудаанд. Чеҳраҳои адабии ёдшуда бо усули танқидиву тарҷумаиҳолӣ навишта шуда, дар шинохт ва арзёбии симои инсонӣ ва ҳайсияти ҳунарии шоиру нависандагон таъсиргузоранд. Камбудии асосии ин осор тобеияти идеологӣ ва гароиши завқӣ ба «маданияти оммавӣ» мебошад, ки аксаран то ҷое ба шинохти ҳунари асил монеъ шудааст. Бо вуҷуди ин, арзиши жанри чеҳраи адабӣ дар шинохти симои шоиру нависандагон ва равишҳои судманди адабиёти давр таъсиргузор буда, худогоҳии нақдро дар шинохти воқеиятҳои адабӣ ва сарнавишти ҳунарии шоиру нависандагон собит менамояд.

Фасли савуми боби якуми рисола **"Нақди нақд ва моҳияти ҳунарии он"** номида шуда, дар он маводи дар боби нақди нақд, яъне худогоҳии нақди дар маҷалла нашршуда арзёбӣ шудаанд, ки зери таъсири сиёсати адабии давр навишта шуда, бештаринашон хусусияти тавсифӣ ва таблиғӣ доранд. Фақат дар баъзе мақолаҳо масъалаҳои усулии нақди адабӣ ва ҷанбаи ҳунарии он арзёбӣ шудаасту бас.

Х. Отахонова дар мақолаи «Мавқеи танқиди адабӣ дар инкишофи адабиёт» рисолати нақди нақдро дар пешрафти адабиёт муҳим шинохта, тавсиа ёфтани доираи назар ва вусъати андешаҳои танқидӣ, ба вуҷуд омадани шаклҳои нави муҳокимаҳои илмиву бадеӣ, тақриз, мақолаҳои танқидӣ ва суҳбати мизи мудавварро аз хусусиятҳои касбии он таъбир мекунад. Ӯ аз ҷиҳати назарӣ қавӣ ва дар он устувор гардидани методологияи марксистиро аз фазилатҳои нақди адабӣ дониста, таъкид мекунад, ки танқид ба масъалаҳои муосир бештар таваҷҷуҳ карда, «ба рафти инкишофи адабиёти тоҷик, раванди жанрҳои гуногуни он, ба боигарии ғоявию бадеии он нақш ва таъсири мусбате» (6, 105 - 115) гузоштааст.

Дар диссертатсия мақолаҳои М. Шукуров, Ҷ. Бақозода, А. Набиев ва дигарон, ки ба масъалаи нақди нақд (худогоҳии нақд) бахшида шудаанд, муфассал таҳлил шудаанд. Дар мақолаҳое, ки маҷалла нашр кардааст, масъалаи худогоҳии нақд ва нақши он дар арзёбии ҳодисаҳои ҷараёни адабӣ ва эҷодиёти адибон ба миён гузошта шуда, камбудиҳои дар ин равиш ҷойдошта бо таҳлили мушаххас нишон дода шудааст. Аз ҷумла, нашри тақризи А. Набиев “Андешаҳои моҳиятҷӯ” ба китоби М. Шукуров “Паҳлӯҳои тадқиқи бадеӣ” дар шинохти равиши худогоҳии нақд муҳим ба шумор меояд. Мунаққид дар заминаи андешаҳо ва натиҷагириҳои М. Шукуров нақди адабиро роҳнамо ва ҳаракатдиҳандаи ҷараёни адабӣ эътироф мекунад (5, 141 - 146).

Ҳамин тариқ, маҷаллаи «Садои Шарқ» бо нашри як силсила мақолаҳои танқидӣ вазъу ҳолат ва роҳҳои ташаккулу таҳаввули нақди адабиро дар ҳама зинаҳо мавриди таваҷҷуҳ қарор додааст. Ин ҷараён баъди нашри қарори маълуми КМ КПСС «Дар бораи танқиди адабию бадеӣ» то ҷое равнақ пайдо карда, дар саҳифаҳои матбуот, аз ҷумла «Садои Шарқ» моводи зиёд ба чоп расидаанд. Дар ин мавод нисбат ба нақди адабӣ таҷдиди назар ҳам ба мушоҳида мерасад, ки дар диссертатсия ба таври мушаххас зикр шудааст.

Боби дувуми рисола **“Нақди шеър ва хусусияти он”** номида шуда, аз ду фасл иборат мебошад. Дар фасли аввал масъалаи **“Равиши нақди мавзӯиву ғоявӣ ва жанрӣ”** мавриди баҳс қарор гирифтааст. Маводе, ки дар таҳлилу арзёбии шеър аз назари мавзӯъ ва ғояву моҳияти иҷтимоии он дар маҷаллаи «Садои Шарқ» ба чоп расидааст, пеш аз ҳама, бар пайвандҳои осори

адабӣ бо ҳаёти ҷомеа таъкид дошта, равиши асосии фаъолияти тарафдорони ин равияро масъалаи иртиботи шеър бо муҳит ва табақаҳои ичтимоӣ, ҳамчунин бунёди иқтисодии ҷомеа ва усули истеҳсолот муайян менамояд. Мақолаи Ю. Бобоев «Гуфтор аз ашъори тозаи шоир» намунаи ҳамин гуна накд аст. Мунаққид дар ин мақола мавзӯоти шеъри М. Турсунзодаро аз мавқеи сиёсиву синфӣ баррасӣ менамояд ва садоқати шоирро ба мавзӯъҳои дӯстии халқҳо, муносибатҳои инсонӣ, зан ва мавқеи вай дар ҷомеа нишон медиҳад. Ин мақола оҳанги некбинона дошта, накди тавсифӣ нисбат ба шеъри М. Турсунзода мебошад (3, 115 - 126).

Вақте дар боби накди ҳадафманд ва касбии шеър сухан ба миён меоварем, бешак, дар саргаҳи он Ш. Ҳусейнзода ва мақолаи ӯ «Дар бораи баъзе майлҳо дар шеъри муосири тоҷик» меистад. Ин мақола сухани нав ва тоза дар арзёбии шеъри тоҷикӣ мебошад, ки то имрӯз аҳамияташ барҷост. Муаллиф равиши инкишофи шеъри тоҷикро накд карда, аз ҷумла, андешаи муҳими зерро баён медорад: «Тасвири одам дар шеърҳои даҳсолаи аввали пеш аз ҷанг бисёр яктарафа буд. Одам, пеш аз ҳама, ба сифати ё пахтачин ё тракторчӣ ё коргари сари дастгоҳи корхонаҳо таҷассум ёфта, масъалаҳои меҳнату муҳаббат ва характери он ғайри қобили эътимод ва бе алоқаҳои табиӣ нишон дода шуда, образҳо ба мисоли плакатҳо инъикос ёфта буданд. Шиорҳо ва баёнияҳои ҳаррӯзаро ба сурати манзум ва бо каме нақшу ҷилодиҳӣ ба унвони шеър тақдим мекарданд; мавзӯъ ва мотивҳои аксарияти шеърҳои мо ҳамин зайл умумӣ ва якранг буданд. Баъд аз съезди XX партияамон шеъри мо ҳам аз ин қабил нуқсонҳо ҳар чӣ бештар раҳо ёфта истодааст» (12, 220 - 232). Ин ва мақолаи М. Шукуров «Сухан аз лирика ва мазмуни ҳаётии он» дар накди он солҳо сухани қавӣ ва бодалел буданд. Мақолаҳои Ю. Акбаров «Хоки Ватан аз тахти Сулаймон хуштар», “Рӯҳи граждании шеър”, “Тавоноии рӯҳи инсон”, А. Сайфуллоев “Шеър нидои зиндагист”, “Паймонаи муҳаббат”, Р. Ҳодизода “Танқиди адабӣ ва масъалаҳои бадеияти адабиёт”, тақризи А. Сатторов “Қайдҳо дар ҳошияи куллиёти шоир” ва чанди дигар низ асосан ба таҳқиқи мавзӯву ғоя ва хусусияти жанрии шеъри он рӯзгор ихтисос ёфтаанд, ки дар диссертатсия моҳияти ин арзёбиҳо нишон дода шудааст.

Дигар аз мавзӯъҳое, ки накди адабӣ тасвири онро дар шеъри ин давра ҷиддан пайгирӣ кардааст, мавзӯи дӯстии халқҳо ва интернатсионализми пролетарӣ мебошад. Ҳамчунин дар мақолаҳо муҳимии шинохти муносибати синфӣ дар интихоби тасвири мавзӯи сиёсати идеологияи коммунистӣ таъкид шудааст.

Соли 1975 маҷалла мубоҳисаеро дар атрофи шеъри муосир оғоз бахшид, ки аксари муаллифон масъалаи мавзӯву ғояи осори шоиронро мавриди баҳс қарор дода буданд. Дар мақолаи А. Сатторов "Шеър ва зиндагӣ", ки мубоҳиса бо он оғоз гардида буд, асосан тамоюлоти мавзӯӣ ва хусусияти ҳунарии шеър мавриди баҳс қарор гирифта, мунаққид дигаргуниҳои асосии солҳои панҷоҳу ҳафтодро иборат медонад «аз таваҷҷуҳи шоирон ба тасвири ҳаматарафа ва доманадори олами бойи маънавии инсони муосир, ҷаҳони мураккаби он, ҷойгоҳи вай дар зиндагӣ, муносибати вай бо табиат ва ҷомеа; ба дарки маънии зиндагӣ ва диалектикаи инкишофи таърихи халқу кишвар, аз ҷумла корномаю диловариҳои фарзандони он; маданияти гузашта ва имрӯзаи вай; тадқиқи ҷиддӣ ва амиқи ҳаёти реалӣ; дахолати фаъолона ба воқеоти муҳими рӯзгор» (7, 130-145).

Дар идомаи ин баҳс мақолаҳои А. Абдуманнонов «Сухан аз қаҳрамонони лирикӣ", Ҳ. Шодиқулов «Ду мавзӯи муҳими шеъри имрӯз», Ю. Акбаров «Роҳ ба сӯйи дили инсон», А. Сайфуллоев «Назаре ба таърихияти шеъри муосир», Х. Мирзозода «Розҳои маҳрамона ё сурудҳои замонӣ», Ҳ. Муҳаммадиев «Сеҳри маҳорат», Р. Мусулмонқулов «Шеър машъал аст», Гулназар Келдиев «Замини барӯманди шеър» ва ғайра ба чоп расидаанд, ки вазъияти танқиди адабии тоҷик, бахусус накди шеърро намудор кард. Дар рисола собит шудааст, ки дар охири солҳои 70 ва аввали солҳои 80 А. Ҳакимов чиддан ба таҳлили мавзӯву мундариҷа ва ғояи шеър машғул будааст. Мақолаҳои ӯ ба таҳқиқи масъалаҳои инкишофи назми муосири тоҷик бахшида шуда, дар накди шеъри он солҳо бозёфтҳои тозаанд.

Ин муҳаққиқ ба тақозои қонуни инкишофи ғоявию эстетикии адабиёт масъалаҳои инкишофи шеъри муосирро аз назари ирсияти таърихӣ ва анъанаву навоварӣ таҳқиқ намуда, бо ин восита доир ба тамоюлҳои инкишофи ин навъи эҷоди бадеӣ андешаҳои муҳим баён доштааст. Ӯ ба шарҳи масъалаҳои анъана ва навоварӣ пардохта, ин ҳақиқатро дар

мисоли эҷодиёти Айнӣ, Лоҳутӣ, М. Турсунзода, Пайрав, Ҳ. Юсуфӣ, М. Миршакар, М. Қаноат, Лоиқ, Бозор Собир, Қутбӣ Киром ва дигарон арзёбӣ кардааст, ки дар диссертатсия мавриди баррасии ҷомеъ қарор гирифтааст.

Дар бисёре аз мақолаҳое, ки дар ин давра дар маҷалла чоп шудаанд, хусусияти жанрии ашъори шоирон низ мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор гирифтааст. Дар ин замина мақолаҳои А. Сатторов "Самараи меҳнат ва ҷустуҷӯ", Х. Шарифов "Камоли маҳорат", М. Шукуров " Болу пари достон", А. Ҳакимов " Аз ғазал то шеъри озод", Х. Отахонова "Достон ва ҳақиқати зиндагӣ", А. Сайфуллоев "Достони Сино", Ю. Акбаров "Дар роҳи ҷустуҷӯ" ва ғайра дар боби хусусиятҳои сохтории шеър ҷолиб буда, дар диссертатсия моҳияти андешаҳои мунаққидон арзёбӣ шудааст.

Ибтидои солҳои навад масъалаҳои«дарёфти фаҳмиши нав»-и адабиёт, аз ҷумла шеър дар саҳифаҳои маҷалла ба доираи баҳсу мунозира кашида шуд. Дар ин замина мақолаҳои М. Шукуров «Аз пайи дарёфти фаҳмиши нав» ва Х. Шарифов «Марзи адабиёт» ба чоп расид, ки муҳимтарин масъалаҳои назарӣ ва амалии арзёбии адабиёт-ро аз дидгоҳи нав ба миён мегузоштанд. М. Шукуров дар мақолаи зикршуда «навназарӣ, биниши тозаи танқидӣ»-ро ҳадафи созандаи нақди адабӣ муқаррар карда, бахусус дар шинохти шеъри асил раҳоӣ ёфтан аз чорчӯбаи расмият, «супориши иҷтимоӣ ва талаботи сиёсии болоҳо»-ро (15, 114-122) тақозо карда буд. Мутаассифона, ин хостаҳо ва амалкардҳои ҳунаршиносона бо сар шудани ҷанги шаҳрвандӣ то ҷое дар рӯи қоғаз монд. Вазъи сиёсиву иҷтимоии кишвар имкон намедод, ки дар боби шеъру шоирӣ қазовати ҳақшиносона анҷом гирад. Дар ҳамин айём суҳбати сари мизе, ки маҷаллаи «Садои Шарқ» бо номи «Тамоюлҳои шеъри имрӯза» доир кард, муҳим буд. Андешаҳои Гулназар, А. Абдуманнонов, Раҳмат Назрӣ, А. Сатторзода, Зиё Абдулло дар шинохт ва арзёбии ҷараёни инкишофи шеъри тоҷик аз бисёр ҷиҳатҳо диққатангез буданд. Дар ин замина андешаи А. Сатторзода дар боби мавзӯи шеъри он рӯзгор то ҷое назари ҷомеи иштирокдорони суҳбати сари мизро ифода мекунад, ки иқтибос мекунем: «Ҷиҳати мумтози шеъри ин шоирон (Бозор Собир, Гулрухсор, Фарзона, Сиёвуш, Р. Ваҳҳоб, Низом Қосим, А. Муродӣ – шарҳи мо) ва ҳаммаслаконашон иборат аз он аст, ки аз

онҳо садои задани набзи замони нооором ва пурмоҷарову пуртаҳлукаи мо бармало ба гӯш мерасад». Ба мушоҳидаи ин донишманд ин «аввалин нишонаҳои бедорӣ, худшиносӣ, ҳақталошӣ ва истиқлолталабии мардуми тоҷик» (10, 115 - 126) буд.

Дар фасли дувуми боби дувуми диссертатсия, яъне **“Хусусияти бадеии шеър ва нақди он”** арзёбии сохтори бадеии шеър аз ҷониби мунаққидон мавриди тадқиқ қарор гирифтааст. Муҳаққиқон яке аз камбудиҳои нақдро камтаваҷҷуҳии он ба шинохт ва арзёбии хусусиятҳои бадеии шеър донистаанд, ки ҳақ аст. Ин ҳолат ҳангоми омӯзиши мавзӯи мазкур низ ба мушоҳида расид. Бо вуҷуди ин, дар давраи мавриди назар хусусиятҳои бадеии шеър мавриди таваҷҷуҳи нақд ва мунаққидони алоҳида қарор доштааст. Масъалаҳои бадеияти шеър қариб дар охири ҳар мақола ба муҳокима кашида шудааст. Мунаққидон бештар ба тарзи офариниши образ, банду баст ва сужа таваҷҷуҳ кардаанд. Масъалаҳои балоғати шеър анқариб мавриди назар қарор нагирифтааст. Ҳамчунин, дар масъалаи сабки эҷод ва тарзи корбасти он низ назарҳои умумӣ ба мушоҳида мерасад.

Дар мақолаи Х. Шарифов «Камоли маҳорат» масъалаи решаҳои қадимаи тасвири тазодӣ дар адабиёти тоҷик, аз ҷумла дар шеъри Мирзо Турсунзода мавриди тадқиқ қарор гирифтааст (13, 135-140). Ба назари ӯ муқоисаи наву куҳна, ҷаҳони советӣ ва хориҷӣ асоси чунин тасвирҳои тазодиро дар шеъри шоир гузоштааст. Вай достони М. Турсунзода «Чароғи абадӣ»-ро беҳтарин асари дар ин равиш таълифшуда эътироф кардааст.

Хусусиятҳои бадеии шеъри ҷавонон дар мақолаи Ю. Акбаров «Шеър хаёлангезу шӯронанда бошад» бо диққати тамом баён шудаанд. Мунаққид шеъри шоирон А. Ҳаким, С. Амин, Ширин Бунёд, Усмон Шарифзода, Алимуҳаммад Муродӣ, Низом Қосим, Искандар Идиев, Муҳаммад Ғоиб, Одина Азимӣ, Зиё Абдулло ва дигаронро аз ҷиҳати бадеӣ таҳлил ва арзёбӣ карда, дар муқоиса бо шеъри шоирони таҷрибаандӯхта, хусусиятҳои бадеии ашъори А. Муродӣ, Аюбӣ ва Искандар Идиевро ба таври мушаххас зикр кардааст, ки дар диссертатсия мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Хусусиятҳои бадеии шеър беш аз ҳама дар мақолаи А. Ҳакимов «Образ ва тасвир дар шеър» баррасӣ шудааст. Муаллиф

масъалаҳои муҳими бадеиёти шеърро дар мисоли шеъри Муъмин Қаноат аз назар гузаронида, яке аз хусусиятҳои шеъри Қаноатро тасвиркорӣ шинохтааст. Ӯ ба хулоса меояд, ки шоир «дар як замон ҳам тасвири қаҳрамонро мекашад ва ҳам ботини ӯро аён менамояд». Ба мушоҳидаи А. Ҳакимов ин равиш дар эҷодиётиМ. Қаноат «бештар хусусияти завқии ҳиссиётпарварӣ» дошта, тарзи нигоришаш низ ба он мутаносиб аст. Дар ин равиш мунаққид шеърҳои Қаноат, Лоиқ, Қутбӣ Киром ва Бозор Собирро таҳлил карда, ба чунин натиҷа мерасад, ки ин ҳолат аз инкишофи тағйири ҳиссиёт ва драматизми қаҳрамони лирикӣ ба вуҷуд меояд. Дар анҷоми мақола ба хулоса меояд, ки «омезиши эҳсосот ва тафаккури шоир ба андешаю ҳиссиёти хонанда таъсир гузошта, драматизми дохилии тасвиру ифодаро меафзояд» (11, 136 - 142). Ин мавзӯъ ҳамчунин дар мақолаҳоиФ. Абдулло "Инсон ва табиат", Х. Шарифов "Ҷавҳари завқу мароми шоир", А. Сатторов "Номаи манзуми рӯз", Гулназар "Оинаи беғубори ман" ва ғайра баррасӣ шуда, дар диссертатсия ба таври мушаххас баҳогузорӣ шудааст.

Боби савуми диссертатсия, ки **"Нақди насри бадеӣ ва равишҳои ҳунарии он"** унвон гирифта**,** дар заминаи маводи таҳқиқии дастрас ба се фасл ҷудо карда шудааст. Дар фасли аввали ин боб- **"Тамоюлҳои ғоявӣ ва иҷтимоии нақди наср" -** гароишҳои мунаққидон ба нақди ғоявиву иҷтимоӣ таҳлил ва арзёбӣ шуда, паҳлӯҳои мусбат ва манфии он мушаххас гардидааст. Муқоисаи маводи дар ин замина дар маҷалла чопшуда собит сохт, ки равиши ғоявию иҷтимоӣ хусусияти асосии инкишофи нақди насрро дар ин давра муайян мекунад. Бунёди ин равиши нақд бар ин фикр аст, ки осори асили насрӣ ҳамвора маҳсул ва мавлуди ҳаётӣ ва муҳити хоси иҷтимоӣ дониста шудааст. Ин гуна нақд сиёсати адабиро муайян мекард ва таносуби падидаҳои адабиро бо сиёсати ҷорӣ ва тасаввуроти иҷтимоӣ мепайваст. Табиист, ки дар нашри мақолаҳо маҷаллаи «Садои Шарқ» низ ҳамин равиши нақди адабиро пайравӣ ва амалӣ мекард, ки дар фаҳм ва шинохти равишҳои асосии инкишофи насри тоҷикӣ бурд ҳам дошту бохт ҳам.

Яке аз ҳамин гуна мақолаҳои дастурӣ «Фақат ба пеш» ном навиштаи С. Табаров мебошад, ки худи сарлавҳааш баёнгари моҳияти он аст. Муаллиф дар ин мақола ҳуҷҷатҳои ҳизбиро ташреҳ карда, нависандагонро ба тасвири мавзӯи

меҳнат даъват намуда, изҳор мекунад, ки «мафҳумҳои коммунизм ва меҳнат аз ҳамдигар ҷудонашавандаанд», «қаҳрамонони асарҳои бадеиро дар муносибати онҳо нисбат ба меҳнат нишон додан лозим аст». Ин мақола ва мақолаи дигари муаллиф «Муосирон- қаҳрамонони асосии адабиёт» намунаи накди расмиятгарои ғоявию иҷтимоӣ буда, муаллиф ба ошкор кардани моҳияти ҳунарии масъала накӯшидааст. Мақолаи Ю. Бобоев «Инқилоб ва таҳаввулоти роман» низ ҳамин гуна моҳият дошта, муаллиф тарафҳои бадеии масъаларо канор гузошта, мувофиқи талаботи ҳизб ҳамчун яроқ истифода шудани романро таъкид мекунад (4, 108 - 114).

Бо зикри мақолаҳои ин ду муаллиф мо гуфтанӣ нестем, ки ҳамаи мақолаҳои дар маҷалла чопшуда хусусияти якҷониба доранд. Мақолаҳое низ дар маҷалла нашр шудаанд, ки асолати асили насриро дар ғоянокии онҳо шинохтаанд. Масалан, дар қиёс бо андешаҳои С. Табаров ва Ю. Бобоев назари М. Шукуров пешрав буда, ҳамаи он чизе, ки "зебо ва аз ҷиҳати иҷтимоӣ пешқадам аст", барои адабиёт муҳим арзёбӣ менамояд. Ин донишманд мавқеи ғоявии осори бадеиро омили ҷовидонагии он медонад ва таъкид ҳам мекунад, ки «аз маҳдудият фақат болотар рафта, на зоҳири он, балки моҳияти аслии онро дидан ва ошкор кардан лозим аст, то сабабҳои пайдоиши ҳодиса ва натиҷаҳои он равшан гардад» (16, 130 - 144).

Дар заминаи маводе, ки дар маҷалла чоп шудаст, метавон гуфт, ки накди наср дар тамоюлнокии ғоявиву иҷтимоии худ гуногунранг буда, баъзе мақолаҳо ҳадафи сирф идеологӣ доранд ва баъзеи дигар хусусияти публитсистикаи иҷтимоиро ба худ гирифтаанд. Қисми ками онҳо хусусияти таҳлилӣ дошта, ба тадқиқоти илмӣ қаробат доранд ва дараҷаву савияи фаъолияти адабӣ –танқидиро муайян мекунанд.

Дар фасли дувуми боби савум, ки **"Қаҳрамони насри бадеӣ ва мушаххасоти он"** номгузорӣ шудааст, тарзи арзёбии қаҳрамони осори мансур дар маводи интиқодии маҷаллаи «Садои Шарқ» нашркарда баррасӣ шудааст. Вақте ки маводи чопкардаи маҷалларо оид ба қаҳрамони насри бадеӣ аз назар мегузаронем, мутобиқати таҳлилу арзёбии ин масъала бо талаботи мафкуравӣ ва ғоявию бадеии замон равшан ба назар мерасад. Аз ин рӯ, новобаста ба тафовути дараҷаи касбии мунаққидон мавқеи умумии онҳо доир ба ин масъала ба ҳам монанд аст. Тасаввуроти қолабие, ки дар

муҳити адабӣ ҳокимият дошт, равиши асосии шинохти накдро аз қаҳрамони наср муайян мекард. Дар ин замина метавон аз мақолаҳои А. Сайфуллоев «Образи одамони нав дар «Ёддоштҳо», «Роман дар бораи синфи коргар», «Ақидаҳои нави одамони куҳна» ва «Бурду бохти санъаткор» ном бурд, ки намунаи накди иҷтимоъгаро ва мафкуравӣ мебошад. Масалан, мунаққид ба қаҳрамонони романҳои С. Айнӣ аз мавқеи фаъолияти иҷтимоӣ ва сифатҳои муборизаи онҳо баҳо дода, камолоти тадриҷии қаҳрамононро дар оинаи ҳаёт ва матни муборизаҳои синфӣ нишон додааст. Дар ин навиштаҳо накд ба равиши қолабӣ ва мафкуравии адабиёт тобеъ аст.

Соҳиб Табаров низ ҳамин равишро пайравӣ карда, ин гуна қаҳрамонро аз матни «ҳаёти воқеӣ-таърихии давр» берун мекашад ва инъикоси корномаи “қаҳрамони даврон”-ро аз нависандагон талаб мекунад. Тағйироте, ки дар ибтидои солҳои ҳафтод дар накди умумииттифоқ ба вуҷуд омад, мунаққидони тоҷикро низ ба дарки тозаи масъала во дошт. М. Шукуров дар мақолааш «Қаҳрамони ҳаёт-қаҳрамони адабиёт» (1973) қаҳрамони повести П. Толис «Тобистон»-ро (1959) “дар насри тоҷик як қаҳрамони нав” шинохт. Ҳамин тариқ, дар наср ва накди тоҷик тасвир ва шинохти қаҳрамони воқеӣ аз Ҳасан-қаҳрамони повести П. Толис шурӯъ гардид, ки “симои маънавии ҳамзамонони ҷавони моро муайян” мекард (14, 129 - 141). Дар диссертатсия ҷараёни ташаккули “қаҳрамони нав”-и наср дар заминаи мақолаҳои чопшуда таҳлил шудааст. Дар ин замина ба назари мо мақолаи Ҷ. Бақозода «Фаъолиятмандии иҷтимоии қаҳрамон» муҳим ба назар мерасад. Ин мунаққид «дар инъикоси муҳимтарин масъалаҳои иҷтимоӣ ва характери ҳамзамонон тадриҷан аз тасвирҳои сатҳӣ, накли хушк ва ороишҳои бемавқеъ даст» (2, 133 - 141) кашидани адабиёти тоҷикро муваффақияти наср таъбир мекунад.

Накди мавзӯи қаҳрамони насри бадеӣ дар маҷалла дар ҳамин замина бо табақабандии қаҳрамонҳо ба мусбату манфӣ, зан, ҷавонон ва намояндагони касбу кори гуногун гароиш доштааст, ки коркарди иҷтимоиву тавсифӣ хусусияти онро муайян мекунад ва намунаҳои ин гуна мавод дар рисола дар мисоли навиштаҳои Р. Амонов, Х. Отахонова, А. Сайфуллоев ва дигарон таҳлил ва арзёбӣ шудаанд. Дар накди қаҳрамонони асосии наср, пеш аз ҳама, мавқеияти иҷтимоии онҳо, ҷузъиёти зиндагинома бо

мақсади ошкор намудани давраҳои асосии ташаккули шахсият ба эътибор гирифта шудааст. Мунаққид нависандаро дунбол карда, бо назардошти ҳомили кадом ғояву мавқеъҳои иҷтимоии муаллиф будани қаҳрамон хулқу хӯйи қаҳрамонро ошкор мекунад. Талоши аксари мунаққидон дар ин равиш ба шинохти мавқеияти идеявии нависанда равона карда шудааст.

Фасли савуми боби охири диссертатсия “**Нақди ҷустуҷӯҳои бадеӣ ва сабки нависандагон”** номида шудааст. Яке аз нахустин мақолаҳое, ки ҷустуҷӯҳои бадеии нависандагонро арзёбӣ кардааст, ба қалами Ш. Ҳусейнзода тааллуқ дошта, «Дар ҷустуҷӯи маҳорат» унвон дошт. Мунаққид нақди мавзӯъ ва воқеияти тасвиршуда ва иртиботи нависанда бо онро яктарафа шинохта, «ба унсурҳои асосии маҳорати бадеӣ, ки бештар бо масъалаҳои эҷодӣ, характер ва образҳо, бунёди сужет ва композитсия алоқаманд аст», таваҷҷуҳ кардани нақди адабиро муҳим медонад. Масъалаҳои ҷустуҷӯҳои бадеии нависанда дар ин ё он шакл қариб дар вақти таҳлили ҳар як асари бадеӣ мушоҳида мешавад. Чунончи дар мақолаи С. Табаров «Ҳаким Карим ва новеллаи советии тоҷик» муаллиф нахуст маҳорати адибро ба хуб донистани адабиёти классикӣ, адабиёти халқҳои дигар, омӯхтани таҷрибаи ҳаёт вобаста دониста, сипас меафзояд: «пеш аз ҳама он чиз ба назар мерасад, ки Ҳаким Карим ҳаёт, мубориза, зиддияту талоши ҳаррӯзаи ҳамаи персонажҳои худро на танҳо мукаммал ва пурра медонад, на танҳо бо садҳо чунин одамон дар зиндагӣ вохӯрда ва мулоқот кардааст, балки бо онҳо ҳамкору ҳамнафас буда, дӯш ба дӯш барои барқарор кардан ва сохтмони ҷамъияти сотсиалистӣ мубориза бурдааст» (9, 99 - 113).

Қазовати хусусиятҳои каломи бадеии насри бадеӣ дар тӯли солҳои мавриди назар ҳадафи маҷаллаи «Садои Шарқ» будааст. Ин масъала масъалаи корбурди ҳунармандонаи забонро низ дар бар мегирад. Яке аз аввалин маводе, ки маҷалла дар ин замина чоп кардааст, мақолаи Н. Маъсумӣ «Забон ва маҳорати адабӣ» мебошад. Муаллиф масъалаи “забони адабии бадеӣ ва вобаста ба он масъалаи маҳорати тасвири бадеӣ, услуб ва тарзи баён”-ро“яке аз масъалаҳои муҳими адабӣ ва эҷодӣ” дониста, тадқиқи ҳаматарафаи онро муҳим ва зарурмедонад.

Накди солҳои ҳафтод дар боби маҳорати ҳунарӣ ва сабки нависандагон бештар хусусияти мафкуравию дастурӣ дошта, ҳадафаш нависандагонроба такмили маҳорат ва дарёфти тарзу тариқи нигориши муассир раҳнамоӣ кардан будааст. С. Табаров дар мақолаи «Услуби бадеӣ ва насри муосири тоҷик» маҳорати ҳунарӣ ва хусусиятҳои забонии осори Ҷ. Икромиро арзёбӣ карда, саъй намудааст, ки дар зимни таҳқиқи таносуби забони қаҳрамон ва сухани муаллиф маҳорати ҳунарии нависандаро нишон диҳад. Дар мақола сӯиистифода аз «калимаю ибораҳои дағали ба қонунҳои грамматикаи забони тоҷикӣ номувофиқ» ҳамчун ҳодисаи манфӣ муаррифӣ шуда, муаллиф аз асарҳои гуногуни нависандагони тоҷик, ки дар асоси лексикаи шевагӣ навишта шудаанд, мисолҳо меорад, бедиққатии маҳзи баъзе нависандагонро нисбат ба нутқи қаҳрамонони осорашон таъкид мекунад. Ба назари ӯ ифодаҳои шевагӣ ҳеҷ гоҳ ҳусни забони адабиро намеафзояд (8, 135 - 142).

Аз нимаи дувуми солҳои ҳафтодуми садаи гузашта сар карда, чун падидаи ҳунарӣ шинохтани осори адабӣ, аз ҷумла насри бадеӣ ҳамчун ҷараёни мусбат дар нақди адабӣ тадриҷан устувор гардид, ки ташаббускориташаккул ва таҳаввули ин равиши нақди тоҷикӣ бе муболиға, маҷаллаи «Садои Шарқ» буд. Дар ин мақолаҳову тақризҳо мо нуфузи нишондодҳои дастурии ҳизбиву давлатиро бар дидгоҳҳои муаллифон мушоҳида намекунем. Дар аксари мақолаву тақризҳо осори насрӣ ҳамчун падидаи ҳунариву зебоишинохтӣ нақд ва арзёбӣ шуда, дар ин замина ҷустуҷӯҳои бадеии нависандагон муайян ва баҳогузорӣ шудааст. Ин тамоюли нақд дар мақолаҳои дар маҷалла чопшудаи М. Шукуров, А. Сайфуллоев, Х. Шарифов, А. Набиев, Р. Мусулмонқулов ва А. Насриддинов хеле барҷаста арзи вуҷуд кардааст, ки дар диссертатсия баррасӣ шудааст.

Ниҳоят, дар фарорварди солҳои 80-у 90 маҷаллаи «Садои Шарқ» ба нашри мақолаҳое бештар таваҷҷуҳ дошт, ки дар онҳо арзёбии масъалаҳои дарки бадеии воқеият ва сабки ҳунарии нависандагон мавқеи хос дошт. Аз ин ҷиҳат табиист, ки аксари муаллифон дар мақолаҳояшон доир ба маҳорати нависанда, балоғати тасвир ва тарзинигориш диққат додаанд. Аз ҷумла, М. Шукуров тамоюли гароиш ба иҷтимогароии маҳзро омили аслии аз эҷоди осори асили бадеӣ фосила гирифтани баъзе аз қаламкашон дониста, дар ин равиш аз таҷрибаҳои судманди Ҷ. Икромӣ, С. Улуғзода, Ф.

Муҳаммадиев, С. Турсун, Кӯҳзод, Сорбон ва дигарон ёд мекунад. Масъалаҳои тозагии осори насрӣ, мавқеи ҳунарӣ ва сабки нависанда дар мақолаҳои Ӯ. Кӯҳзод, С. Абдулло, А. Абдуманнонов ба миён гузошта шудааст.

Дар диссертатсия бо таҳлилҳои мушаххас нишон дода шудааст, ки дар мубоҳиса ҳарчанд доир ба хусусиятҳои бадеии осори нависандагон, маҳорати ҳунарии онҳо каму беш сухан рафта бошад ҳам, масъалаҳои сабки нигориш хеле маҳдуд, фақат дар доираи масъалаҳои забон, қоидаҳои имло ва истифодаи калимаву ибораҳо матраҳ шудааст. Ба ин тарз фаҳмидан ва тафсир кардани масъала барои муайян кардани сабки ин ё он нависанда умуман ва бахусус, равияҳои сабкии насри муосир ёрӣ нахоҳад кард.

Дар маводе, ки маҷалла нимаи дуюми солҳои ҳаштод ва ибтидои навад чоп кардааст, масъалаи ҳамчун падидаи ҳунарӣ шинохтани осори насрӣ имтиёз дошта, мунаққидон ба таҳқиқи паҳлӯҳои зебоишинохтии таълифоти нависандагон талош кардаанд. Хусусияти бадеӣ ва сабки нигориши нависандагон дар таълифоти А. Шукуров, А. Сайфуллоев, Х. Шарифов, А. Набиев ва нафарони дигар ба сароҳат қазоват шуда, ташаккул ва таҳаввули ин равиш ба амиқбурди асосҳои маънавии тадқиқи бадеӣ вобаста дониста шудааства ин равиши нақди наср дар диссертатсия бо мисолҳои мушаххас арзёбӣ гардидааст.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷагириҳои тадқиқот зикр шудааст, ки чанд нуктаи муҳими он инҷо зикр мешавад:

1. Маводи дар маҷаллаи «Садои Шарқ» чопшуда гувоҳӣ медиҳад, ки дар давраи мавриди назар ҳаёти адабӣ зери таъсири сиёсати ҳизб ва давлати Шӯравӣ ҷараён дошта, сиёсати адабӣ, аз ҷумла дар соҳаи нақди адабӣ ба воситаи қарорҳои анҷуманҳои ҳизби коммунист, қарорҳои ҳизбии ҷумҳуриявӣ ва Иттифоқи нависандагон амалӣ карда мешуд. Адибон ва мунаққидон дар мақолаҳову гузоришҳояшоназ ин қарорҳо дастгирӣ карда, раҳнамои сиёсати адабию фарҳангии ҳизбу давлат будани адабиёт ва нақди адабиро таблиғу таъкид ва талаботи мафкуравии ҳизбро бо масъалаҳои ҳаёти адабӣ мутобиқ мекарданд. Дар ин замина дар ҳамаи мақолаҳо зодаи даврони Шӯравӣ ва дастёри ҳизб будани адабиёт, аз ҷумла нақди адабӣ таъкид мешуд. Раҳбар ва тарбиятгари адибон ҳизби коммунист дониста мешуд.

2. Вазъи нақди адабӣ дар маҷлисҳои расмӣ, анҷуманҳои нависандагон, доираҳои илмӣ ва мақолаву гузоришҳои ба вазъи нақди нақд ихтисосёфта, баррасӣ мешуд. Таърихи нақд таърихи андешаву мулоҳизаҳо дар бораи он низ буд. Дар ин равиш маҷалла мақолаҳои мунаққидон С. Табаров, М. Шукуров, Х. Отахонова, А. Сайфуллоев, Х. Шарифов, А. Сатторов, Ю. Акбаров, Х. Шодиқулов ва дигаронро чоп кардааст, ки андешаҳояшонро оид ба вазъи адабиёт фаро мегирифт. Нақди адабӣ дар доираи маҳдуди идеологӣ (мафкуравӣ) амал мекарда бошад ҳам, аз ҷиҳати методологӣ ва назарӣ тадриҷан қавӣ мешуд, масъалаҳои адабиёти муосир, назму насрро ба муҳокима мекашид, таъсираш ба ҷараёни адабӣ эҳсос мешуд. Вай ҳамчун ҷузъи муҳими адабиёту фарҳанг ва афкори илмию адабӣ дар ҷомеа мақом пайдо мекард.

3. Мақолаҳои чопшуда ташаккули тадриҷии нақди адабӣ ва аз ҷиҳати ҳунар ба нақди русӣ наздик шудани онро нишон медиҳад. Ба ҳам қаробат пайдо кардани масъалаҳои куллии зебоишиносӣ ва назарияи адабиёт низ дар маводи чопшуда ба мушоҳида мерасад. Назари воқеъбин имконият фароҳам овардааст, ки нақди адабӣ аз мавқеи таърихият ба масъалаҳои анъана ва навоварӣ, робитаи адабиёти гузаштаву имрӯза ва навҷӯиҳо дар ин замина муносибат намояд. Мавқеи мафкуравӣ ва иҷтимоии нақд нақши онро дар ҷараёни инкишофи адабиёт муайян мекард.

4. Нақди адабӣ дар баробари арзёбии осори адабӣ ба таҳлилу баррасии нақди нақд низ даст ёфт. Дар ин замина мақолаҳои С. Табаров, М. Шукуров, А. Сатторов, А. Ҳакимов, Ю. Акбаров ва дигарон, ки маҷалла муттасил чоп кардааст, таъсиргузор буданд. Дар мақолаҳое, ки марбут ба нақди нақд ҳастанд, дастовардҳои он арзёбӣ шуда, меъёри баҳо додан ба осори адабӣ муайян карда шудааст, ки ин равиш савияи ҳунарии мунаққид ва нақдро низ муайян мекунад, ки то ҷое ифодагари таърих ва равиши инкишофи нақди адабӣ низ мебошад.

5. Дар мақолаҳои нашршуда мунаққидон ба масъалаҳои хусусияти бадеии шеър диққат дода, доир ба бурду бохти шеъри нав ва дигар масоили ҳунарии он андеша рондаанд. Дар ин равиш масъалаи ҳиссиёти шахсӣ ва гражданӣ дар шеър мавриди баҳси ҷиддии нақди адабӣ қарор доштааст. Эҳсоси шахсӣ ва рӯҳияи инфиродии фард дар шеър решаҳои қадимадошта, нақди замон ба ин масъала назари манфӣ дошт ва марбут мешуд ба маҳдудиятҳои идеологие, ки барои шахс таъйин шуда буд.

6. Нақди мавзӯӣ ва иҷтимоии наср асоси идеологӣ дошта, дар ин замина нақши мавзӯъҳои иҷтимоӣ дар инкишофи наср муайян гардидааст. Мавзӯъҳои меҳнат, кишоварзӣ, заҳмати табақаҳои гуногуни ҷомеа (коргару муаллим, табибу ҳунарманд ва ғ. ) ва типҳои қаҳрамон асоси арзёбиҳои таҳлилиро дар нақди адабии маҷалла ташкил додааст. Нақд типҳои қаҳрамони адабиёти ин давраро муайян карда, ходимони сиёсӣ, инқилобӣ, давлатӣ, роҳбарони ҳизбу давлат, шахсиятҳои маъруфи таърихӣ ва фарҳангиро чеҳраҳои таъсиргузор дар ин равиш муаррифӣ кардааст. Маҳаки эътибори нақд тасвири инсони фаъоли ҷомеаи Шӯравӣ будааст.

7. Маҷалла дар нақди осори бадеӣ ба унсурҳои асосии эҷоди бадеӣ-характер, образ, сохтор, забону тарзи баён бештар таваҷҷуҳ карда, дар ин замина маҳорати ҳунарӣ ва сабки нависандагонро арзёбӣ намудааст. Меъёри арзёбӣ хуб донистани мероси классикӣ, адабиёти халқҳои дигар ва таҷрибаи ҳаёт эътироф шуда, зебоии асари бадеӣ қисми таркибии маҳорати ҳунарӣ ва арзиши зебоишинохтии он дониста шудааст.

8. Таваҷҷуҳ ба нақди шеър ва жанрҳои он дар мақолаҳое, ки маҷалла чоп кардааст афзоиш ёфта, дар ин равиш нақди достон ҷойгоҳи хос доштааст. Муаллифон ба арзёбии навъҳои достон таваҷҷуҳ карда, дар шинохти хусусиятҳои жанрии он саъй намудаанд. Дар маҷмӯъ, дар мақолаҳои танқидии дар ин боб нашршуда муаллифон пешрафти достонро дар мисоли эҷодиёти М. Турсунзода, М. Миршакар, А. Шукӯҳӣ, Ғаффор Мирзо, М. Қаноат ва дигарон муайянкарда, достони лирикиро падидаи нав дар адабиёти тоҷик шинохтаанд.

9. Маҷалла таҷрибаи нақди шӯравии давраи мавриди назарро асоси фаъолият қарор дода, мувофиқи талаботи замон ба ироа ва ҳалли муҳимтарин масъалаҳои назарӣ ва амалии адабӣ аз рӯи имкон даст ёфтааст. Фаъолияти маҷалла дар ин равиш садоқати онро ба ягонагии ғоявию ҳунарии нақди замони Шӯравӣ собит мекунад, ки гоҳо бар зарари адабиёти асил низ ба охир расидааст.

## Адабиёти иқтибосшуда


1. Амонов, Р. Сухани нав дар бораи Бухоро / Р. Амонов // Садои Шарқ. -1976. -№11. -С. 111-122.
2. Бақозода, Ҷ. Фаъолиятмандии иҷтимоии қаҳрамон / Ҷ. Бақозода // Садои Шарқ . - 1976. -№3. -С. 133. -141.
3. Бобоев, Ю. Гуфтор аз ашъори тозаи шоир / Ю. Бобоев // Садои Шарқ. - 1969. -№11. -С. 115-126.
4. Бобоев, Ю. Инқилоб ва таҳаввули роман / Ю. Бобоев // Садои Шарқ. -1977. -№ 12. -С. 108-114.
5. Набиев, А. Андешаҳои моҳиятҷӯ / А. Набиев // Садои Шарқ . -1978. -№12. -С. 141-146.
6. Отахонова, Х. Мавқеи танқиди адабӣ дар инкишофи адабиёт / Х. Отахонова // Садои Шарқ. -1976. -№3. -С. 105-115.
7. Сатторов, А. Шеър ва зиндагӣ / А. Сатторов // Садои Шарқ.- 1975.- №10.- С. 130-145.
8. Табаров, С. Услуби бадеӣ ва насри муосири тоҷик / С. Табаров // Садои Шарқ. -1975. -№2. -С. 135-142.
9. Табаров, С. Ҳаким Карим ва новеллаи советии тоҷик / С. Табаров // Садои Шарқ. -1968. -№4. -С. 99-113.
10. Тамоюлҳои шеъри имрӯза /Садои Шарқ. - 1994. - № 1. - С. 115-126.
11. Ҳакимов, А. Образ ва тасвир дар шеър / А. Ҳакимов // Садои Шарқ. -1972. -№9. -С. 136-142.
12. Ҳусейнзода, Ш. Дар бораи баъзе майлҳо дар шеъри муосири тоҷик / Ш. Ҳусейнзода // Масъалаҳои адабиёти муосири тоҷик. - Душанбе:Ирфон, 1970. -С. 220-232.
13. Шарифов, Х. Камоли маҳорат / Х. Шарифов // Садои Шарқ. -1969. -№4. -С. 135-140.
14. Шукуров, М. Қаҳрамони ҳаёт-қаҳрамони адабиёт / М. Шукуров //Садои Шарқ. -1973. -№6. -С. 129 - 141.
15. Шукуров, М. Аз пайи дарёфти фаҳмиши нав / М. Шукуров // Садои Шарқ. -1990. -№7. -С. 114-122.
16. Шукуров, М. Дили меҳрпарвар ва ситезаандеш / М. Шукуров // Садои Шарқ. -1975. -№1. -С. 130-144.

**Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтаанд:**

**Мақолаҳодар маҷаллаҳои тавсиякардаи КОА-и Вазорати маориф ва илми Федератсияи Руссия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон:**


1. **Қодирова, Д. Л. Маҷаллаи «Садои Шарқ» ва баъзе масъалаҳои нақди адабӣ / Д. Л. Қодирова // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. - Душанбе. – 2018 - № 4 (76). - С. 190-194.**
2. **Қодирова, Д. Л. Нақди шеър ва баъзе равишҳои он / Д. Л. Қодирова // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. – Душанбе – 2018 - № 3 (75). - С. 218-221.**
3. **Қодирова, Д. Л. Худогоҳии нақди адабӣ / Д. Л. Қодирова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Серияи «Филология»: Сино - Душанбе. – 2018 - № 6. - С. 221-224.**
4. **Қодирова, Д. Л. Жанрҳои нақди адабӣ ва усули таҳлил / Д. Л. Қодирова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Серияи «Филология»: Сино – Душанбе – 2018 - № 7. - С. 271-275.**
5. **Қодирова, Д. Л. Тамоюлҳои ғоявӣ ва равишҳои ҳунарии нақди насри тоҷикӣ дар солҳои 70-90-и асри XX / Д. Л. Қодирова // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. - Душанбе. – 2018 - № 5 (77). - С. 190-194.**

# ХУЛОСАИ МУХТАСАРИ

**кори диссертатсионии Қодирова Дилноза Лутфуллоевна дар мавзӯи “Нақши маҷаллаи “Садои Шарқ” дар нақди адабии тоҷикии солҳои 70-90-и садаи XX”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик пешниҳод гардидааст.**

Диссертатсия ба омӯзиш, баррасӣ, таҳқиқ ва муайян кардани нақши маҷаллаи “Садои Шарқ” дар нақди адабии тоҷикии соҳои 70-90-и садаи бист бахшида шудааст. Ба ин мақсад, заминаҳои пайдоиш ва ба вуҷуд омадани нақди адабӣ, вазъи нақди адабӣ, муайян кардани нақши маҷалла дар ташаккул ва таҳаввули нақди адабии тоҷик мавриди баррасӣ қарор гирифта, бо назардошти дастовардҳои навини афкори таърихиву адабии муосир анҷом ёфтааст.

Дар ин замина, таҳқиқ ва арзёбии масъалаҳои назарӣ ва худогоҳии нақди адабӣ дар заминаи маводи, ки дар маҷаллаи «Садои Шарқ» дар давоми солҳои 70 ва 90 нашршуда, ошкор сохтани нақши сиёсати адабии мусбат ва манфӣ дар равишҳои инкишофи нақд, муайян намудани жанрҳои нақди адабӣ ва усулҳои арзёбии осори адабӣ, таҳлил ва арзёбии масъалаҳои нақди нақд, моҳияти ҳунарии он ва мавқеи чеҳраҳои адабӣ, арзёбии нақди шеър, равишҳои мавзӯӣ, ғоявию иҷтимоӣ, нақди жанрҳо ва балоғати тасвир дар осори интиқодӣ, таҳқиқи равишҳои мусбат ва манфии нақди наср, тамоюлҳои мавзӯиву ғоявӣ ва иҷтимоӣ дар он, масъалаҳои қаҳрамони осори насрӣ, хусусиятҳои бадеӣ , сабк ва сохтори жанрии нақди адабӣ баррасӣ ва таҳқиқ шудааст.

Муаллиф нақди замони мавриди назарро аз лиҳози забон, ҳаҷму муҳтаво, анвоъ ва арзишҳои ҳунарӣ равшан сохта, роҷеъ ба паҳлуҳои гуногуни навъ ва шаклҳои он маълумоти муфид додааст.

Дар маҷмӯъ, дар диссертатсия раванди нақди адабии тоҷикии солҳои 70-90-и садаи бист дар маҷаллаи “Садои Шарқ” баррасӣ ва таҳқиқ гардидааст ки, барои рушди нақди адабии тоҷик судманд мебошад.

# АННОТАЦИЯ

**диссертационной работы Қодирова Дилноза Лутфуллоевна " Роль журнала "Садои Шарқ" ("Голос Азия" ) в таджикская литературная критика 70-90 годов XX века" на соискание ученой степени кандидата филологических наук по специальности 10.01.01 – Таджикская литература**

Диссертация посвящена рассмотрению, исследованию и определению роли журнала «Садои шарк» в литературной критике Таджикистана в 70–90-х годах XX века. В связи с этим, происхождение литературной критики, условия литературной критики и определение роли вышеупомянутого журнала в развитии таджикской литературной критики исследуются и делаются выводы на основе последних достижений таджикской исторической и современной литературной точки зрения.

Исследование и оценка теоретических вопросов литературной критики исследуются и анализируются на основе материалов, опубликованных в журнале «Садой шарк» в период с 70 по 90 годы, раскртые роль позитивной и негативной литературной политики в развитии критики, определения жанров, литературной критики и методов оценки литературных произведений, анализа и оценки проблем критики, суть их мастерства и место и роль литературных личностей, оценки поэтической критики, тематических, идеалогических и социальных стилей, критики жанров, зрелость описания в критических произведениях, исследование положительных и отрицательных течений в критике прозы и его тематические, идеальные и социальные тенденций, изучение проблем героя прозаического произведения, художественных особенностей, стиля и жанровой структуры литературной критики.

Автор раскрыл современной критики с точки зрения языка, размера и содержания, вида и мастерство ценности и предоставил полезную информацию о ее различных видах.

Таким обаразом, в диссертации исследуется таджикская литературная критика 70-90-х гг., Которая полезна для развития таджикской литературной критики.

**SUMMARY**

**of the thesis of Qodirova Dilnoza Lutfulloyevna on the topic of: "The role of Sadoi Sharq journal in Tajik literary criticism in 70-90s of XX^th century" presented on the scientific degree of candidate of philological sciences in the speciality 10.01.01 –Tajik literature**

The thesis is dedicated to the exploring, research and determination of the role of "Sadoi Sharq" journal in Tajik literary criticism in 70-90s of XX^th century. In this regard origin of the literary criticism, condition of the literary criticism and determination of the role of the aforesaid journal in the development Tajik literary criticism are explored and conclusions are made based on the latest achievements on Tajik historical and contemporary literary point of views.

Investigation and evaluation of theoretical issues of literary criticism are explored and analized based on the materials published in Sadoi Sharq journal during the period from 70 to 90s, revealing the role of positive and negative literary policy in the development of criticism, determination of genres of literary criticism and methods of evaluation of literary works, analyzing and evaluation issues concerning criticism critics and their mastery essence and places of literary figures, evaluation of poetry criticism, thematic, idealogical and social styles, criticism of genres, maturity of description in critical works, investigation of positive and negative ways of prose criticism, thematic, ideal and social trends, issues related to characters, literary pecualarities, style and genre structure of literary criticism.

The author revealed modern criticism from the point of view of language, size and content, kind and mastery values and provided useful information about its different sorts.

So, Tajik literary criticism of 70-90s of XX^th is explored in the thesis and it is useful for the development of Tajik literary criticism.